**СУРАТҶАЛАСАИ №77/01-КЭ**

шурои муштараки диссертатсионии 6D КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

аз 26 сентябри соли 2023

Ҳайати шурои диссертатсионӣ иборат аз 11 нафар тасдиқ шудааст.

**Иштирок доштанд:** Аз 11 нафар ҳайати шурои муштараки диссертатсионии аз ҷониби КОА назди Президенти ҶТ тасдиқшуда 8 нафар иштирок доштанд: Гулмадов Ф. - раиси шуро, Каримзода М. - котиби илмӣ, аъзои шуро: Иматзода Л.М., Муҳамметов Ғ., Ҳоҷиматова Г.М., Раҳимзода Х, Рӯзиева Л., Шербоев С., аз ҷумла 5 нафар докторони илм доир ба самти диссертатсияи баррасишаванда. Пешниҳод мешавад, ки ҷаласаи шурои диссертатсионӣ кушода шавад. Пешниҳоди дигар нест? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода шавад. Пешниҳод якдилона қабул шуд.

## РУЗНОМА:

Ба баррасии муқаддамотӣ қабул кардани диссертатсияи Ҳабибова Ойшамо Муродовна дар мавзуи "Шароити дидактикии рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва таъин кардани комиссияи экспертӣ

## ШУНИДА ШУД:

Аз рӯи масъалаи якум гузориши муовини раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Негматов С.Э. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Ҳабибова Ойшамо Муродовна ба шурои диссертатсионӣ шунида шуд.

## БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ Каримзода М.Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Ҳабибова Ойшамо Муродовна, аз ҷумла диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои

русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (қарори Ҳукумати Ҷумхурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267) мувофиқат мекунанд ва унвонҷӯй ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқаррарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Ҳабибова Ойшамо Муродовна дар мавзуи "Шароити дидактикии рушди худбаҳодиҳии хонандагони синфҳои болоӣ дар раванди фаъолияти беруназсинфӣ", ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва тахсилот пешниҳод шудааст, барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- Каримзода М.Б - доктори илмҳои педагогӣ, раиси комиссия;
- Мухаметов Г.Б. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор,аъзои комиссия;
- Маҳкамов Д. - номзади илмҳои педагогӣ, аъзои комиссия.

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: "Тарафдор" – 8 нафар, "Зид" - нест, "Бетараф" - нест.

**Муовини раиси шурои муштараки диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Негматов С.Э.**

**Котиби илмии шурои муштараки диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ** **Каримзода М.**

*"Имзои С.Э. Негматов ва М.Каримзодаро тасдиқ мекунам"*

Мудири бахши кадрҳо ва коргузории АТТ М. Саидова